# Рӯзи Ваҳдати миллӣ муборак


# ТАХТИ ҚУБОД

СОЗАНДАГИЮ БУНЁДКОРӢ ҲАДАФИ МОСТ!

Рӯзнома аз моҳи майи соли 1932 нашр мешавад.
Душанбе, 1 июл 2019,
№25-26 (8332)

Нашрияи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Қубодиён


**Ҳар шахсе, ки нангу номус дорад, худро соҳиби Ватан ва фарзанди миллат мешуморад, бояд бо сохтани иморате, бунёди корхонае, кушодани роҳе, ободкардани маконе, ҳатто шинондани дарахте аз худ нақше боқӣ гузорад. Сангеро аз сари роҳ дур афканад, дасти фитодае бигирад, ҳоҷати бечораеро барорад, бо амали шоистае номи миллатро баланд бардорад.**

**Эмомалӣ Раҳмон**

## Сухани табрикии

### раиси ноҳияи Қубодиён Файзуллозода Зафар Хайрулло ба муносибати Рӯзи Ваҳдати миллӣ



Ҳамдиёрони азиз!

Имрӯз дар сар то сари Ватани азизамон яке аз ҷашнҳои бузург ва муқаддаси миллатамон, Рӯзи Ваҳдати миллӣ ва ба имзо расидани Созишномаи истиқрори сулҳ ва ризояти миллӣ бо тантана ҷашн гирифта мешавад.

Ба ифтихори ин ҷашн тамоми мардуми шарифи кишвар ва ҳамаи ҳамватанони бурунмарзиамонро шодбош гуфта, ба хонадони ҳар кадоми онҳо осоишу хушбахтӣ, амну оромиш ва ба Тоҷикистони азизамон рушди босубот орзу менамоям.

Санаи 27-уми июни соли 1997 дар таърихи Тоҷикистони соҳибистиқлол рӯйдоди бузурге ба амал омад, ки минбаъд тақдири мардуми тоҷикро комилан дигаргун карда, ҳамчун оғози марҳилаи наҷот, худсозӣ, худафрӯзӣ ва саодати халқ дар сафҳаи хотираҳо сабт гардид. Дар ин рӯзи хуҷаста пас аз талошу пайкорҳои созандаи Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ ба имзо расид. Имзои ин ҳуҷҷати сарнавишсоз дар кишвари азизамон ба ҷанги нангину хунини шаҳрвандӣ поён бахшид ва сулҳу ваҳдати бардавомро таъмин кард.

Азми қатъӣ ва роҳи пешгирифтаи Ҳукумати кишвар аз ҷониби мардум самимона дастгирӣ ёфт ва дар натиҷаи саъйю талоши шабонарӯзӣ ва музокироти тӯлонӣ 27 июни соли 1997, яъне бисту ду сол қабл, Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ ба имзо расид.

Бо имзо шудани ин созишномаи тақдирсоз дар Тоҷикистон марҳилаи ниҳоят душвору ноороми даврони истиқлолияти кишвар паси сар монда, саҳифаи тозаи таърихи навини давлату давлатдории тоҷикон оғоз гардид.

Санади тақдирсози сулҳ рамзи воқеии баҳамоиву сарҷамъии миллат, рамзи иттиҳоду ягонагии мардум, рамзи пирӯзии ақлу заковати солим ва тантанаи сулҳу субот дар саросари кишвар гардида, моро ба кохи беганзанди Ваҳдати миллӣ расонид ва роҳи ояндаро ба сӯи татбиқи нақшаҳои бузурги созандагӣ ва ҳадафҳои наҷиби бунёдкорӣ оғоз кард.

Мо ҳама шоҳиди он ҳастем, ки солҳои охир дар як қатор минтақаву кишварҳои олам бо сабаби муноқишаҳои дохилӣ ва дахолати доираҳои манфиатдор одамон ба мушкилоти сангин ва ихтилофҳои мазҳабиву мафкуравӣ гирифтор шуда, ин раванди ҳалокатбор боиси фавти садҳо ҳазор нафар аҳолии осоишта, тарки ватан кардани миллионҳо нафар, аз рушду инкишоф бозмондани давлатҳо ва ҳатто аз байн рафтани аркони давлатдорӣ гардидааст.

Дар чунин вазъ давлати мо, ки оқибатҳои фоҷиабори чунин зуҳуротро аз сар гузаронидааст, ҳамеша ҷонибдори сулҳ дар тамоми сайёра буда, дар минбарҳои баланд аз ҷомеаи ҷаҳон низ даъват менамояд, ки барои бартарафсозии низоъҳои харобиовар ва таъмини суботу амният дастаҷамъона талош варзанд ва музокираву мусолиҳаро ҳамчун воситаи муҳимтарини ҳалли ҳар гуна мухолифату низоъ ва ҷангу хунрезӣ васеъ истифода намоянд.

Боиси хушнудӣ ва сарафрозист, ки сокинони ноҳияи Қубодиён бо шукргузорӣ аз фазои сулҳу оромӣ ва бо азму иродаи қавӣ баҳри сазовор ва дар сатҳи баланд таҷлил намудани Иди Ваҳдати миллӣ ҳамаҷониба омодагӣ дида, имрӯзҳо дар сартосари ноҳия корҳои ободонию бунёдкорӣ ва созандагӣ ба ифтихори ин ҷашни фархунда ва дигар санаҳои муҳими таърихии кишварамон бо маром идома дорад. Ба ифтихори ин санаи таърихӣ бо дастгирии соҳибкорон як қатор иншоот, аз ҷумла толори варзишӣ, сехи дӯзандагӣ ва дигар иншооти иҷтимоӣ ва маишӣ, ки имрӯз мо шоҳиди маросими ифтитоҳи онҳо гардидем, ба истифода дода шуданд. Мавриди истифода қарор додани ин иншоот ниҳоӣ набуда, дар доираи нақшаи чорабиниҳои ободонӣ ва омодагӣ ба таҷлили ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон сохтмони даҳҳо иншооти марбут ба соҳаҳои иҷтимоиву иқтисодӣ ва корхонаҳои истеҳсолӣ ба нақша гирифта шуда, дар сурати амалӣ гардидани Нақшаи чорабиниҳои мазкур сатҳи зиндагӣ ва некуаҳволии сокинони ноҳия ба маротиб беҳтар гардида, ноҳияи Қубодиён ба як гӯшаи ободу пешрафтаи кишварамон табдил хоҳад ёфт.

Бинобар ин, гуфта метавон, ки имрӯз кишвари мо аз файзу баракати Истиқлолияти давлатӣ ва Ваҳдати миллӣ дар шоҳроҳи рушди устувор қарор дошта, сатҳу сифати зиндагӣ, маърифату ҷаҳонбинӣ ва эҳсоси худшиносиву ифтихори миллии ҳамватанони мо торафт таҳкиму густариш меёбад.

Инак 22 сол мешавад, ки мардуми шарифи Тоҷикистон дар муҳити сулҳу оромӣ ва ваҳдату ҳамдилӣ зиндагӣ намуда, бо меҳнати бунёдкоронаю фидокорона баҳри ободию шукуфоии Ватани азизамон машғуланд.

Бо эҳтиром ва ифтихори бузург ҳамаи сокинони ноҳияро бори дигар ба Рӯзи Ваҳдати миллӣ табрику таҳният гуфта, таманнои он дорам, ки эҳсоси баланди ватандорӣ, нангу номуси миллӣ ва ифтихор аз муқаддасиву пойдории Ваҳдати халқи азизамон ҷовидона ва оламгир бошад.

## Навид

Файзуллозода Зафар Хайрулло, раиси ноҳияи Қубодиёни вилояти Хатлон дар ҷаласаи охири Маҷлиси миллӣ бо пешниҳоди Маҳмадсаид Убайдуллоев мақоми нав гирифт.

Убайдуллоев, раиси Маҷлиси миллӣ ҳафтаи гузашта номзадии Файзуллозода Зафар Хайруллоро ба вазифаи раиси Кумитаи масъалаҳои аграрӣ, шуғли аҳолӣ ва экологияи палатаи болоии парлумон пешниҳод кард ва аъзои Маҷлис ҷонибдорӣ намуданд.

Дар пайи интихоби Файзуллозода ба мақоми нав Убайдуллоев ӯро шодбош гуфта, барори кор таманно намуд.

Қаблан роҳбарии Кумитаи Маҷлиси миллии Тоҷикистон дар масъалаҳои аграрӣ, шуғли аҳолӣ ва экологияро Давлатшоҳ Гулмаҳмадзода, собиқ раиси вилояти Хатлон ба ӯҳда дошт, ки баъди барканорияш аз вазифаи раиси вилоят, ваколатҳояш дар Маҷлиси миллӣ низ қатъ гардиданд.

Зафар Файзуллозодаи 54-сола аз моҳи апрели соли 2017 узви Маҷлиси миллии Тоҷикистон ва аз моҳи марти соли 2017 раиси ноҳияи Қубодиён мебошад. Ӯ хатмкардаи Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур буда, дар мақомҳои мушовири раиси вилояти Хатлон, муовини роҳбари дастгоҳи раиси вилоят ва мудири шуъбаи ташкилии дастгоҳи раиси вилояти Хатлон низ кор кардааст.

**ДУШАНБЕ, 17 июн-Sputnik**

*ҲАҶ-2019*

## Омодагии зоирин ба мавсими ҳаҷ

Бо мақсади пайдо кардани маълумот аз омодагӣ ва сафрбаркунии имсолаи зоирин ва дигар масъалаҳои вобаста ба ҳаҷ бо Мирзосафар Сабуров-мудири бахши дин,танзими анъана ва ҷашну маросимҳои МИҲД-и ноҳия муроҷиат намудем.Тавре номбурда ба мо итттило доданд дар мавсими «Ҳаҷ-2019» аз ноҳияи Қубодиён 91 нафар (нисбат ба соли гузашта30 нафар камтар) роҳии хонаи Худо хоҳанд шуд,ки аз онҳо 36 нафарашон занонанд.

Ҳарчанд талабгорони зиёрати хонаи Худо назар ба солҳои қаблӣ ба маротиб афзудааст,аммо меъёрҳои муайяннамудаи давлати Арабистони Саудӣ имкон намедиҳад,ки шумораи бештар сафар кунанд.Аз ин рӯ, хоҳишмандоне,ки шароитҳои ба ҷо овардани фаризаи Ҳаҷ доранд,ба рӯйхат гирифта дар навбат гузошта мешаванд.Айни замон тибқи аризаи пешакӣ 400 нафар сокинони синашон аз 40 сола боло дар навбат истодагонанд.

То имрӯз қабули ҳуҷҷатҳои довталабон - ҳаҷравандагон ба анҷом расида, барои хизматрасониҳо маблағи муайянгардида 35 ҳазору 128 сомонӣ пардохт гардидааст. Зоирин барои таъмини саломатии худ аз муоинаи духтурони баландихтисос низ гузаштаанд.Бо назардошти шароити мураккаби кишвари мизбон,махсусан ҳавои аз ҳад зиёд гарм барои ҳар гуруҳ роҳбаладон аз ҳисоби мардон интихоб гардиданд. Давоми ҳафта рӯзҳои шанбе ва якшанбе аз тарафи мудири бахши дин, сархатиб ва имомхатибон,ки қаблан ба зиёрати хонаи Худо мушарраф шудаанд,дарсҳои омодагӣ гузаронида мешавад.

Ба маврид аст зикр намудан,ки сокини деҳаи Ахча бобои Ҳоҷи Муҳаббат Маҳмадов бо нияти дафъаи дуюм зиёрати хонаи Худо аз ҳисоби маблағҳои пасандоз намудааш масофаи 1км роҳи байни деҳаро мумфарш намуд.Ду нафар зан аз сокинони деҳаи Арабхон Қурбонназарова Мамлакат бо маблағи 30 ҳазор ва Марям Ёрматова бо харҷи 20 ҳазор сомонӣ аз болои наҳри калон ба самти маҳаллаҳояшон купрук сохтанд.

Аз ҳисоби ҳаҷравандагон ба сокини ҷамоати деҳоти 20 солагии Истиқлол Набиева Давлатмоҳ барои таъмири манзили зисташ 3 ҳазор сомонӣ кӯмаки якваҳтаина расонда шуд.

Ҳамзамон аз ҳисоби иттиҳодияҳои динӣ ба Раъно Ҳасанова бамақсади ба табобат фаро гирифтани духтараш Заррина,ки маъюби гуруҳи 2-юм аст, 2195 сомонӣ дасти ёрӣ дароз карда шуд.

**Адолатҷӯ**



# АХБОРОТ

## Оиди иҷлосияи нуздаҳуми Маҷлиси вакилони халқи ноҳия (даъвати панҷум)

26 июни соли ҷорӣ дар толори маҷлисгоҳи макомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия иҷлосияи нуздаҳуми Маҷлиси вакилони халқи ноҳия (даъвати панҷум) доир гардид. Дар кори ичлосия муовинону рохбари Дастгохи раиси нохия, мудирони бахшу шуъбахои мақомот, роҳбарони идораю ташкилотҳо, раисони ҷамоатҳои деҳоту шаҳрак, директорони муассисаҳои таълимӣ, масъулони ҳифзи ҳуқуқ, намояндагони соҳаи тандурустӣ, раисони кумитаҳои маҳаллаҳо ва имомхатибони масҷидҳо низ даъват шуда буданд. Иҷлосияро раиси ноҳия Файзуллозода Зафар ифтитоҳ карда, кайд намуд, ки аз 40 нафар вакилон 5 нафар бо сабабҳои узрнок ҳузур надоранд. Бо пешниҳоди вакил Чаъфарзода Музаффар аз ҳавзаи интихоботии №14 ва дастгирии якдилонаи вакилон котибони иҷлосия дар ҳайати зерин тасдиқ гардид. Қодиров Холтура-вакил аз ҳавзаи интихоботии №2 –раис Юсупов Панҷӣ- вакил аз ҳавзаи интихоботии №5 Маҳмадкарим Додихудо-вакил аз ҳавзаи интихоботии №6 котибот интихоб шуданд. Дар иҷлосия масъалаҳои зерин мавриди баррасӣ қарор гирифт.

**Рӯзномаи иҷлосия:**

1. Рафти иҷрои Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Қубодиён баро солҳои 2016-2020.

2. Рафти иҷрои қарори раиси ноҳияи Қубодиён аз 18.01.2013, таҳти, №14 «Дар бораи Барномаи азхудкунии заминҳои нави обёришаванда ва барқарорсозии заминҳои аз гардиши кишоварзӣ берунмонда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2020».

3. Ҳисоботи комиссияи доимии Маҷлиси вакилони халқи ноҳияи Қубодиён «Оид ба одоби вакилон».

4. Дар бораи пеш аз муҳлат қатъ намудани ваколати вакилони Маҷлиси вакилони халқи ноҳияи Қубодиён Хаспалаева Муродгул вакил аз ҳавзаи интихоботии №26 ва Хоркашев Кобулӣ вакил аз ҳавзаи интихоботии №37.

5. Дар бораи пешниҳоди раиси Комиссия оид ба баррасии пешакии масъалаҳои вобаста ба номгузорӣ ва тағйир додани номи маҳалҳои аҳолинишини назди Маҷлиси вакилони халқи ноҳияи Қубодиён дар бораи номгузори кардани Ҷамоати шаҳраки Қубодиён ба Ҷамоати шаҳраки Каёниён, деҳаи "Қизил-Тоҷикистон"-и Ҷамоати шаҳраки Қубодиён ба маҳаллаи "Орифон", кучаи "Ҷавони"-и Ҷамоати шаҳраки Қубодиён ба кучаи "Чармгарон", дар бораи номгузори кардани деҳаи "Ахча"-и Ҷамоати деҳоти ба номи Н.Хусрав ба деҳаи "Кухандеҳ", деҳаи "Палвонтуғай"-и Ҷамоати деҳоти ба номи Н.Хусрав ба деҳаи "Буттазор", деҳаи "Ғиштkуприк"-и Ҷамоати деҳоти ба номи Н.Хусрав ба деҳаи "Хиштпул", деҳаи "Ҷоназартеппа"-и Ҷамоати деҳоти ба номи Н.Хусрав ба деҳаи "Чорсӯ", деҳаи "Равшанобод"-и Ҷамоати деҳоти ба номи Н.Хусрав ба деҳаи "Дурахшон", деҳаи "Қизил-Тоҷикистон"-и Ҷамоати деҳоти ба номи Н.Хусрав ба деҳаи "Гузарипоён", дар бораи номгузорӣ кардани Ҷамоати деҳоти ба номи И.Ниёзов ба Ҷамоати деҳоти Холиёробод, деҳаи "Юлдузқоқ"-и Ҷамоати деҳоти ба номи И.Ниёзов ба деҳаи "Курушқалъа", дар бораи номгузорӣ кардани деҳаи "Учқунобод"-и Ҷамоати деҳоти Заркамар ба деҳаи "Саргаҳ", деҳаи "Чинортуғай"-и Ҷамоати деҳоти Заркамар ба деҳаи "Чанорзор", деҳаи "Чимғилиш"-и Ҷамоати деҳоти Заркамар ба деҳаи "Баҳористон", деҳаи "Рудақул"-и Ҷамоати деҳоти Заркамар ба деҳаи "Рудаккул", дар бораи номгузорӣ кардани Ҷамоати деҳоти 20-солагии Истиқлол ба Ҷамоати деҳоти Меҳргон,деҳаи "Қушачинор"-и Ҷамоати деҳоти 20-солагии Истиқлол ба деҳаи "Чаноро",деҳаи "Қизил нишон"-и Ҷамоати деҳоти 20-солагии Истиқлол ба деҳаи "Лайлакон",дар бораи номгузорӣ кардани деҳаи "Наврӯз"-и Ҷамоати деҳоти Навобод ба деҳаи "Наврузгоҳ",деҳаи "Навобод"-и Ҷамоати деҳоти Навобод ба деҳаи "Навдеҳ", деҳаи "Шоҳ"-и Ҷамоати деҳоти Навобод ба деҳаи "Марзиён", дар бораи номгузорӣ кардани Ҷамоати деҳоти ба номи У.Назаров ба Ҷамоати деҳоти Шоҳқубод, деҳаи "Қабла"-и Ҷамоати деҳоти ба номи У.Назаров ба деҳаи "Озодагон",деҳаи "Бошқалъа"-и Ҷамоати деҳоти ба номи У.Назаров ба деҳаи "Боҷқалъа", ташкил намудани деҳаҳои "Камароб" ва "Чашмасор".

6.Дар бораи тасдиқ намудани қарорҳои раиси ноҳияи Қубодиён, ки дар байни иҷлосияҳои ҳаждаҳумва нуздаҳум қабул гардидаанд.

Раиси ноҳия Файзуллозода Зафар, ки бевосита кори иҷлосияро пеш мебурд аз рӯи масъалаи якуми иҷлосия суханро ба муовин Тоҷиев Алӣ дод. Вобаста ба масъалаи дуюм раиси кумитаи заминсозӣ Абдуалимзода С, аз рӯи масъалаи сеюм вакил аз ҳавзаи интихоботии №19 Ниёзов Саъдӣ, масъалаи чорум З.Файзуллозода ва дар робита ба масъалаи панҷум вакил аз ҳавзаи интихоботии №16 Шарипова Тоҷиниссо баромад ва изҳори назар намуданд.

Вакилони нохия аз рӯи масъалаи шашум қарорхои қабулнамудаи раиси нохияро тасдиқ намуданд.

Дар кори иҷлосия намояндагони Вазорат Ҳамидов Султоншо ва Раёсати Рушди иқтисод ва савдо Валиев Хуршед иштирок ва суханронӣ намуданд. Дар ҷамъбасти кори иҷлосия Зафар Файзуллозода ба ҳозирин дар кору фаъолияти минбаъдаашон дар рушду пешрафти ноҳия барору бурдбориҳо таманно намуда,иди Ваҳдати миллиро шодбош гуфтанд.

**"ТАХТИ ҚУБОД"**

*БА ИФТИХОРИ РӮЗИ ВАҲДАТИ МИЛЛӢ*

# ДОСТОНИ ВАҲДАТ

**Бисту ҳафтуми июни соли 1997 баъди музокироти тӯлонӣ ба хотири ҳифзи якпорчагии марзу буми кишвар, таъмини сулҳу суббот, сарҷамъии миллат ва зиндагии ороми сокинони мамлакат Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ аз як тараф, ҷамъбасти гуфтушунидҳои зиёд ва душвори чандсолаи тоҷикон ва аз тарафи дигар, оғози марҳилаи боз ҳам душвортар буд.То имзои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ тақрибан чор сол мулоқот ва гуфтушинидҳои ҷониби ҳукумат ва ИНОТ (иттиҳоди нерӯҳои оппозитсионии тоҷик) идома дошта, вохӯрию мулоқотҳои сатҳи баланди Сарвари давлат Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бевосита бороҳбари мухолифон 6 маротиба сурат гирифт.**

Аввалҳои солҳои 90-уми асри гузашта халқи тоҷик баъди ҳазор сол аз нав ба эҳё ва эъмори давлати миллии худ ноил гардида, соҳибдавлат шуд. 9 сентябри соли 1991 бо амри тақдир баъди садсолаҳо саъю талошҳои фарзандони барӯманди миллат дар харитаи сиёсии ҷаҳон давлати соҳибистиқлолӣ миллати тоҷик бо номи Ҷумҳурии Тоҷикистон арзи ҳастӣ кард, ки нишонаи шукофоии гули умеди халқи «зи дурии замонаҳо расида»-и мо буд. Аммо, мутаасифона, аз нахустин рӯзҳои истиқлолияти худ Тоҷикистон дар раванди барқарорсозӣ ва ташаккули пояҳои давлату давлатдории нав, таъмини амнияту оромии ҷомеа, суботи сиёсиву иҷтимоии кишвар бо мушкилоту монеаҳои сангин рӯ ба рӯ гардид. Раванди ташаккулу инкишофи истиқлолияти сиёсии Тоҷикистон ба ҷанги шаҳрвандӣ дучор шуд. Ба иқтисодиёти кишвар дар ҳаҷми зиёда аз 10 миллиард доллари ИМА зарар расид, беш аз 150 ҳазор нафар ҳамватанони худро аз даст додем, 55 ҳазор кӯдак ятим монд, 25 ҳазор зан бесаробон гашт. Ҷомеаи кишвари мо, ки анъана ва таҷрибаи зарурии равандҳои демократиро надошт, мақомот ва нерӯҳои сиёсӣ инкишофи стратегии мамлакатро муайян карда натавонистанд. Нерӯхои сиёсию иҷтимоӣ дар заминаи мафкураҳои мухталиф гурӯҳбандӣ шуда, ҳар кадоме аз онҳо аз таҳаввулоти баамаломада манфиат бардоштанӣ мешуданд. Махсусан, барои ҳаракатҳои сиёсӣ, ташкилотҳои ғайридавлатӣ, ҷамъиятҳои миллию фарҳангӣ ва ғайра марҳилаи амалӣ намудани ҳадафҳову нақшаҳояшон фаро расида буд. Оқибатҳои тамоми амалҳову фаъолиятҳои он айёми рӯйдода дар ниҳояти кор метавонистанд, ки барои аз байн рафтани давлат ва парокандашавии миллат боис гарданд.

Роҳи наҷотро аз ин вартаи ҳалокат ва гирдоби ноумедҳо маҳз Иҷлосияи XV1 Шӯрои Олии Чумҳурии Тоҷикистон муайян кард ва дар он ҷавонмарди олитаборе бо исми муборaки Эмомалӣ Раҳмон сари қудрати сиёсии мамлакат омад, ки муроҷиати ба мардум умедбахшандааш "Ё ман дар Тоҷикистон сулҳро барқарор мекунам, ё дар ин роҳ ҷони худро нисор менамоям". Ин муроҷиат пеш аз ҳама, маънои оғози қатъи ҷанги шаҳрвандӣ ва баргардонидани гурезаҳо ва муҳоҷирони иҷборӣ ба макони зист, барқарор сохтани ҳазорҳо хонаю иншооти бар асари ҷанг харобгашта ва маънои ба сари мизи музокирот нишастани роҳбарони нерӯҳои бо ҳам мухолифро дошт. Аввалан бояд дар саросари кишвар оташбас эълон шуда, аз муқовимати мусаллаҳона даст кашида, гуфтушуниди натиҷабахш оғоз мешуд. Дуюм, гурезагон ва муҳоҷирони иҷборӣ ба ватан ва ҷои зисти доимиашон. Беҳуда нест, ки Асосгугузори сулҳу Ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат,Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни баромади худ дар Иҷлосияи XV1 Шӯрои Олии Чумҳурии Тоҷикистон иброз намуданд, ки то охирон гурезагони берун аз Ватанро бар Ватанамон бар нагардонам худамро озод ҳис намекунам.

Ба хотири расидан ба сулҳу ваҳдат ва фардои шукуфоии миллат, 5 апрели соли 1994 музокироти тоҷикон оғоз ёфт. Гуфтушунидҳо дар байни ҳайати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Иттиҳоди мухолифини тоҷик борҳо дар Русия, Эрон, Туркманистон, Қазокистон, Қирғизистон, Покистон, Афғонистон дар шаҳрҳои Теҳрон, Машҳад, Исломобод, Алма-Ато, Ашқобод, Бишкек барпо гардиданд.

23 декабри соли 1996 дар шаҳри Москваи Федератсияи Руссия Президенти Чумҳурии Тоҷикистон Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо роҳбари Иттиҳоди мухолифини тоҷик вохӯрӣ намуда, бо намояндагии Созмони Миллали Муттаҳид созишномае ба имзо расониданд, ки мувофиқи он Комисияи оштии миллӣ таъсис дода шуда, ҳайати Комиссияи оштии миллӣ аз 26 нафар иборат буда, аз ҳар ду тараф 13 нафарӣ муайян гардид.

Музокироти байни тоҷикон 40 моҳ тул кашид, вале, мутаасифона, дар давраи баъди музокирот низ ҷанги мусаллаҳона хомӯш нашуда буд. Яке аз муваффақиятҳои кори комиссия аз он иборат буд, ки вай бо иштироки бевоситаи Созмони Миллали Муттаҳид (СММ), Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо (САХА), Иттиҳоди давлатҳои мустақил (ИДМ), Кумитаи байналмиллалии Салиби Сурх (КБСС), Созмони Конфронси Исломӣ (СКИ) ва дигар ташкилотҳои байналхалқӣ, мамлакатҳои ба мо дӯст, чун Русия, Афғонистон, Покистон, Қазоқистон, Узбекистон ва Қирғизистон гузаштааст. Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар шаҳри Москва ба имзо расида, аз тариқи сиёсиву ҳуқуқӣ ба ҷанги шаҳрвандии зиёда аз 6 сол дар мамлакат тулкашида хотима гузошт.

Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон, санади ҳамдигарбахшӣ (соли 1997), Карори шӯрои Олии Чумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи авфи иштироккунандагони муқовимати сиёсӣ ва низомӣ дар Чумҳурии Тоҷикистон", ки дар давраи аз 27 март то 25 ноябри соли 1992 ҷиноят ва амалҳои ғайриқонунӣ содир кардаанд, аз ҷавобгарии ҷиноятӣ, интизомӣ, маъмурӣ озод намояд. Қонуни номбурда бо мақсади хотима додан ба ҷанги бародаркушӣ, пешгирии фоҷиаи миллии ҷумҳурӣ ва харобшавии асосҳои иқтисодию ҷамъиятӣ ва сиёсии давлат, таҳкими сулҳу субот, ҳамдигарфаҳмӣ ва ҳамкории гурӯҳҳои гуногун, ки ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва ҳизбҳои сиёсӣ, таъмини фаъолияти муътадили институтҳои давлатӣ, инсондӯстӣ қабул шуд.

Ба миллати тоҷик хатари парокандагию нобудшавӣ борҳо тахдид карда, давлатхои эчодкардааш ба завол рӯ ба рӯ шуданд ва дар тули беш аз ду хазор сол хувияти худро хифз карда, то ба боргоҳи истиклолияти миллии давлатӣ расидааст.

Миллати тоҷикро аз ҷумлаи миллатхои ҷафокашидатарини ҷахон гуем, хато нахоҳем кард. Зеро дар муддати асрҳо ӯ фақат месохт, обод мекард, вале душманонаш вайрон мекарданд, хароб мекарданд.дороияшро ғорат менамуданд, аз сари мардум манорахо месохтанд. Вале иродаи қавию созанда, фарҳанги бузурги тасаллибахшу эхёгар ӯро боз ҳам зинда нигох медошт.

Албатта, хар давлату ҷомеа ба душворию буҳрон дучор мешавад ва бо роҳҳои гуногун ин мушкилотро халлу фасл мекунад. Дар кишварҳои аврупоӣ низ ҷангҳои дохилӣ ва дар кишварҳои шарқӣ низ задухурдҳою хунрезиҳо кам набуданд.

Вале дар Тоҷикистон доман густурдани фоҷиаи миллӣ, ки аксарияти мутлақи қурбоншудагон тоҷикон буданд, гуё барои аз байн бурдани ин миллати қадимтарин ва соҳибфарҳанги Осиёи Марказӣ таҳрезӣ шуда буд.



Вале табиати сулҳҷуёна ва характери миллии тоҷикон, ки хамеша ба гузашт ва созиш моил аст, агарчи дар таърихи гузашта боиси аз даст додани манфиатхои хаётӣ шуда буд, ин дафъа барои дарки манфиатхои умумимиллӣ мусоидат кард. Ин як навъ дурандешӣ ва хирадмандиро ифода мекард.

Бесабаб нест, ки созмонхои байналмилалӣ ва доирахои илмӣ ва сиёсии кишварҳои ҷахон таҷрибан сулҳи тоҷиконро меомӯзанд ва онро ҳамчун падидаи нодир ва боарзиш дар таърихи сулҳофараш байналмилалӣ донистаанд.

Мардуми Тоҷикистон зери роҳбари сиёсатмадору хирадманду дурандеш ва дорои иродаи матин тавонист дар он рӯзҳои фоҷиабор ва минбаъд дар атрофи худ халқро муттаҳид гардонида, Ватану давлатро аз ҳалокат наҷот диҳад. Ҳанӯз аз рӯзи аввали қасамёдкунии худ, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ташкил намудани давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягонаро дар назди худ мақсад гузошта, ба амалӣ намудани ҳадафҳои дигари стратегӣ, чун эҳёи Роҳи абрешим, ба роҳ мондани муносибатҳои иқтисодӣ, тиҷоратию фарҳангӣ бо кишварҳои хориҷӣ, таъмини истиқлолияти энергетикӣ, амнияти озуқаворӣ, баромадан аз бумбасти комукатсионӣ, волоияти қонун, ҳифз ва рушди арзишҳои миллӣ, асъори миллӣ ва масъалаи муҳими давлатӣ, ин қабули Конститутсияи Чумҳурии Тоҷикистон ва тағйиру иловаҳо ба он бо роҳи райпурсии умумихалқӣ буд.

Аз қабул шудани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ бо ризоияти миллӣ 22 сол сипари мешавад. Дар ин мудати кӯтоҳи таърихӣ дар натиҷаи саъю кушишҳои фарзанди фарзонаи миллат Президенти мардумии мо Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ҳамчунин дар натиҷаи саъю кушишҳои зиёди мардуми бо нангу ор, аз ҷиҳати зиндагии осоишта, сулҳу суббот, рушду тараққиёт ва дастовардҳои фарҳангӣ, давлати мо дар арсаи байналмилалӣ нуфузу мақоми шоистаро ишғол намуд.

Мо шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон имруз бояд фаромуш накунем, ки аз оғози солҳои 90-уми асри гузашта, мардуми Тоҷикистон бо сабаби поймол гардидани меъёрҳои ҳуқуқӣ, хусусан меъёрҳои конститутсионӣ ба оқибатҳои даҳшатноку фоҷеабори мусалаҳона ва ҷанги шаҳрвандӣ дучор гардида буд. Ин моҷаро давлати моро қариб ба вартаи нобудшавӣ оварда расонид.

Мо бояд дар чорчубаи конститутсия ва тартиботи ҳуқуқӣ зиндагӣ карда ва барои амалишавии ҳадафҳои стратегии давлат пайваста кӯшиш намоем, хусусан наврасону ҷавононро дар руҳияи ватандӯстиву хештаншиносӣ ва эҳтирому риояи қонун тарбия кунем.

Дар охир ҳамаи Шуморо ба ифтихори 22-юмин солгарди Рӯзи Ваҳдати миллӣ табрику муборакбод гуфта, орзуманди рушду шукуфоии Тоҷикистони азиз мебошам ва дар фаъолияти корӣ ва рӯзгори ҳамарӯзаи ҳар яки Шумо муваффақияту комёбӣ тамано мекунам.

**Мамарасулзода С.М.,**
**раиси суди ноҳияи Қубодиён**



## НОМҲОИ ВОҲИДҲОИ МАРЗИВУ МАЪМУРӢ БА ҚОНУНИ ЗАБОН МУТОБИК ГАРДОНИДА МЕШАВАД

- гуфт, Гавҳар Шарофзода Раиси қумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон зимни як сафари кориаш ба ноҳияи Қубодиён ва дидору вохӯриаш бо кормандони мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия, раисони ҷамоатҳои шаҳраку деҳот,раисони маҳаллаҳо, кормандони бахши сабти асноди ҳолатҳои шаҳрвандӣ ва фаъолон.

Мақсади ин мулоқот иҷрои банди 20-и Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 январи соли 2019 ҷиҳати ба талаботи қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон " мутобиқ намудани номҳои воҳидҳои марзиву маъмурӣ,ваъзи табдилу тағйири номҳои ҷуғрофӣ ва баррасии номҳои ғайримеъёрии ивазшавандаи ҳудуди ноҳия унвон шуд.

Ивази номҳои ғайримеъёрии маҳалҳои аҳолинишин ва эҳёи номҳои таърихӣ аз талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи забони давлатӣ" мебошад.

Дар ин бора Гавҳар Шарофзода таъкид намуд,ки гоҳе дар санадҳо,номгузории деҳаҳо ва кӯчаҳо,шиору овезаҳо ва ҳатто шаҳодатномаҳои таваллуде,ки аз ҷониби кормандони бахшҳои САҲШ пур карда мешаванд,ғалатҳои имлоию мантиқӣ роҳ меёбанд.

Дар ин машварат Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияҳои худро оид ба номгузории маҳал ва ҳифзу эҳёи номҳои таърихии он ба мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлати ноҳия пешниҳод намуд.

## ҒАЛАБАИ КАЛОНИ "ПАХТАКОР" БАР "САРБАНД"-И ЛЕВАКАНТ

Дастаи футболбозони "Пахакор"-и ноҳия дар доираи Чемпионати Ҷумҳурии Тоҷикистон байни дастаҳои лигаи дуюми вилояти Хатлон дар майдони худ бо дастаи "Сарбанд"-и шаҳри Левакант вохӯрӣ анҷом дода, дастаи "Сарбанд"-ро бо ҳисоби калон 8:2 шикаст дод.

Ҳисобро дар дақиқаи 8-ум Ҳафизов Нуриддин боз намуда, қисмати якуми бозӣ бо ҳисоби 4:0 ба нафъи "Пахтакор" ба поён расид.

Дар қисмати дуюми бозӣ низ дастаи "Пахтакор" дар баробари ду голи ҳариф 4 гол ба дарвозаи "Сарбанд" ворид намуда, бозиро бо ҳисоби 8:2 ба нафъи худ анҷом доданд.

Дар ин бозӣ Ҳафизов Нуриддин муаллифи 4 гол гардид.

Гуфта мешавад, ин сеюмин бозии дастаи "Пахтакор" дар доираи Чемпионати Ҷумҳурии Тоҷикистон байни дастаҳои лигаи дуюми вилояти Хатлон буда, бозии навбатии дастаи ноҳия рӯзи 25 июн бо дастаи "Шоҳин"-и ноҳияи Муъминобод сурат мегирад, ки дар он дастаи "Пахтакор" мизбон хоҳад буд.

**«Тахти Қубод»**

*ҲИФЗИ ЁДГОРИҲОИ ТАЪРИХӢ*

# Таърих оинаи гузаштагон

Таърихи гузаштаи Қубодиёни Бостонӣ хело ҳам тӯлонӣ мебошад, зеро ки таърихи севунимҳазорсоларо дар бар мегирад. Бойгарии «Хазинаи Амударё», ки дар шаҳраки Тахти Сангин ҷой гирифтааст, Қубодиёнро дар сар то сари ҷаҳон муаррифӣ намудааст. Мардуми Қубодиёни куҳанбунёдро аз рӯи хоксорӣ ва меҳнаткаш буданашон ҳамагон эҳтиром медоранд.

Дар Қубодиёни куҳанбунёди мо айни замон 18 мавзеҳои таърихи боқӣ мондааст, ки ба таъмиру тармим ниёз доранд. Бинобар сабаби бетаваҷҷуҳии масъулин қисми зиёде аз мавзеъҳо ба пуррагӣ хароб гардидааст. Яке аз ин мавзеъҳо ёдгории таърихии «Қальаи Мир» аст, ки дар ҳудуди шаҳраки Қубодиён дар тарафи шарқии роҳи автомобилгарде, ки Қубодиёнро аз шарқ ба ғарб бурида мегузарад қарор дорад. «Қалъаи Мир» шакли квадратӣ дошта, андозааш 275-270 м аст. Даромадгоҳ ба қаср аз сӯи ҷануб буда, ҷои дарвозаи он ҳоло ҳам боқист. Қасри Бекро калонсолони Қубодиён дар ёд доранд.

Академик Семёнов навиштааст, ки дар ҳавзи даруни боғи Бек мурғобиҳо парвариш карда мешуданд. Ёдгории таърихии «Қалъаи Мир» бо Сертификат таъмин карда шудааст. Мавзеъи таърихии «Қалъаи Мир» дар гузашта дорои замини хеле васеъ буд ва боз дар дохили қаср зиндон, саисхона, масҷид мавҷуд буд,инчунин лашкарҳои шоҳ ва аҳолии зиёде онҷо иқомат доштанд. Вале аз ҳамаи иншоотҳои дар боло зикр гардида, то ин зимн чизе боқӣ намондааст. Ин ҷойи таърихӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки дар гузашта «Қалъаи Мир» шукуҳу шаҳомати хосаеро касб намуда будааст. Масоҳати ҳудуди мавзеъи мазкур рӯз то рӯз хурд шуда дар гирду атрофи он хонаҳои барҳаво ғайриқонунӣ қомат афрохта роҳи даромадро ба самти «Қалъаи Мир» маҳкам намудаанд.Деворҳои атрофии Қалъа,ки имрӯзҳо ҷойи подагоҳ гардидааст дар ҳоли фуру рафтан аст. Мавзеъи таърихии «Қалъаи Мир» аз сабаби надоштани деворҳои муҳофизавӣ, бомпӯшҳо дар натиҷаи боришоти зиёд қариб ки ба пуррагӣ хавфӣ аз байн рафтан дорад.

Чи хеле, ки ба ҳамагон маълум аст, Пешвои муаззами миллат, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон солҳои 2019 - 2021-ро «Солҳои рушди деҳот,сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» эълон намуданд. Дар ин асос шахсони ҳуқуқӣ ва масъулони воқеъии ноҳияи Қубодиён, ҳамзамон шахсони саховатманд, саховатпеша, сарватманд ва соҳибкорони дар асл дилсӯзу меҳанпарастро мебояд, барои эҳё ва аз нав барқарорсозии ин мавзеъҳои таърихие, ки моро ба асолатамон мепайвандад ва муаррифгарӣ таърихи гузаштагонамон маҳсуб меёбад бо расонидани кӯмаки молиявӣ аз нестшавӣ эмин нигоҳ доранд. Бигзор ҳар сайёҳи хориҷие, ки бо нияти сайру саёҳат ба ин сарзамин қадам мегузорад, бидонад,ки Қубодиёни бостон дорои ҷӣ таърихи бузурге будаву ниёгонаш ҷӣ ёдгориҳои гаронарзишеро ба ояндагони худ боқӣ гузоштанд. Зеро муаррифгари ҳар як халқу миллат дар аксар маврид таърихи гузаштаи ӯ мебошад. Номбардорони Қубодиёни куҳанбунёд мардумони шарифи ӯст.

**Саломзода Гулниссо,**
**нозири ёдгориҳои**
**таърихии осорхонаи н. Қубодиён**

# Ваҳдат – иди якдилию ҳамбастагӣ

**Дар таърихи ҳар халқу миллат санаҳои сарнавиштсозе ҳастанд, ки аҳамияти бузурги таърихӣ дошта, бо гузашти солҳо нақши таърихии онҳо бештару фузунтар мегардад. Бисту ду сол қабл аз ин 27-июни соли 1997 дар шаҳри Москва Созишномаи истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ ба имзо расид, ки ин ҳуҷҷат ифодагари пойдории сулҳу оромӣ ва ваҳдату якдилӣ дар кишвар гардид. Маҳз бо кушишу талош ва ҷонфидоиҳои фарзанди фарзонаи миллат, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ,Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси муаззами ҲХДТ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мо ба ин қуллаи мурод расидем ва 27-июн ҳамчун Рӯзи Ваҳдати миллӣ эълон гардид.**



Сулҳу ваҳдат ва оштии миллӣ. Зери ин ибораҳо маънии зиёде нуҳуфтааст ва ин маъниҳо ҳаёти хушу осудаи моро ифода намуда ба мо бахту саодат ато менамоянд. Нафаси хуши як лаҳзаи дунёи орому осуда чи қадар гуворост. Вақте ба чеҳраҳои шукуфони ҳамватанони азиз менигарам аз завқ мeболам. Шукри ин зиндагии хурраму гуворо мекунам. Шукри он ки сулҳу дӯстӣ ва оромӣ дар Ватани азизу муқаддасам ҳукмфармост. Пеш аз ҳама сулҳу оромӣ, хуширо дар чеҳраҳои зебои модарон дида, худро аз банди ҳама ғаму ғуссаҳо озод ҳис мекунам. Аҷаб дунёи зебо ва шукуфост ин сулҳу оромӣ. Ва ин ҳама аз атои худованд ва созиши мардум аст. Созиши ақли солим. Он созише, ки 22 сол муқаддам моро бо машаққатҳо ва бурдбории ташабуси тарафайн насиб гардид. Ин созишест, ки онро оштии Миллӣ мегӯем, ва ин падидаи таърихӣ, ки аз ақли хирад, заковатҳо берун шуд, тамоми ҷаҳониёнро ба ҳайрат оварда ва то имрӯз мафтун сохта. Мо аз он ифтихор дорем, ки Сарвари оқилу фарзонаи миллат, тавонист ҳаёти осоиштаро ба миён оварда, тақдири халқу ватанро бо тадбирҳои нек, дурандешӣ ба мизони меҳру муҳаббати худшиносӣ баркашида ҳал намояд. Зеро сулҳу оромӣ, дӯстию якдигарфаҳмӣ ҳамеша ҳосили ширин ба бор меорад.

Имрӯзҳо мо дар арафаи ҷашни 22-юмин солгарди Ваҳдати миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, яке аз ҷашнҳои бузург ва муқаддаси миллати тоҷик, рӯзи ба имзо расидани Созишномаи истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ қарор дорем, ки он ҳамасола бо шукӯҳу шаҳомати тоза ҷашн гирифта мешавад.

Ваҳдат - мафҳуми муқаддас миёни мафҳумҳои барои мо пурарзиш, чун сулҳу амният, маърифату фарҳанг, ватандориву ватандӯстӣ, андешаву шуур ва ҳуввияти миллӣ ҷойи махсусро дорост. Зеро Ваҳдат сарогози ҳамаи комёбиҳо, созандагиву ободкориҳо, ибтидои суботи сиёсиву иҷтимоӣ ва некӯаҳволии ҷомеаи навин, ҳамчунин худогоҳиву худшиносӣ бахри миллати соҳибмаърифати мо ба ҳисоб меравад.

Ҳамин Ваҳдату оштии миллӣ буд, ки кишвари тозаистиқлоли моро аз вартаи фаноӣ наҷот дод. Маҳз Ваҳдати миллӣ ба сифати як шакли зуҳури андешаҳои миллӣ дар пойдории халқу кишвари мо нақши калон бозид. Ҳамин андешаҳои миллӣ, миллати моро аз имтиҳони таърих сарбаландона раҳоӣ бахшида, ба соҳили умеду орзуҳо сарбаландона расонид.

Бояд хотирнишон кард, ки ақлу заковати азалӣ, ваҳдатпарастиву бахшиданҳо ва ниҳоят ба дарки асосии воқеъият расидан моро аз вартаи ҷудоӣ раҳо намуд ва ба сӯи ояндаи дурахшон раҳнамун сохт ва дар кишвари мо Ваҳдату ҳамдилиро пойдор гардонд.

Расидан ба Ваҳдати миллӣ боиси он гардид, ки миллат ба фатҳи қуллаҳои нав ба нав дар ҳамаи соҳаҳо муваффақ гардад.

Бо итминони комил метавон гуфт, ки имзои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллии Тоҷикистонро кулли аҳли ҷомеа новобаста ба тамоюли сиёсӣ, эътиқод ва андеша ҳамчун санади тақдирсози миллат пазируфтанд.

Мардуми шарифи Тоҷикистон рӯзи Ваҳдати миллиро ҳамчун сарчашмаи сулҳу субот, ягонагию якпорчагӣ, иттиҳоду ҳамдигарфаҳмӣ ва ифтихори миллӣ пазируфта, муқовимати сиёсиро бо ризоияти таҳаммул ба анҷом расонида, мисоли камназири ҳалли ҷанги шаҳрвандиро ба ҷаҳониён нишод дод.

Қадамҳои неку устуворона, сиёсати пайгиронаву хирадмандона, кӯшишу талошҳои беандозаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон моро ба қуллаҳои умед ва пирӯзӣ оварда расонид.

Ба имзо расидани Созишномаи сулҳ ва ризоияти миллӣ бешубҳа оғози раванди эҳёи худшиносиву худогоҳӣ ва ҳаракати Ваҳдати миллист.

Пешвои муаззами миллат, Президенти мамлакат, Ҷаноби олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон хеле хуб шарҳ додаанд, ки «Ваҳдат барои мо як вожа ва калимаи оддӣ нест, балки номаи тақдири мо, шарти пешрафти кишварамон ба сӯи ояндаи ободу осуда ва муҳимтар аз ҳама, кафили сарчаъмию хушбахтии имрӯзу ояндаи халқамон аст»

Таърихи инсоният борҳо собит намудааст, ки фақат ҳамон халқе ба қуллаҳои баланди мурод расида метавонад, ки бо ҳам дӯсту иттифоқ ва меҳрубон бошанд.

Аз ин хотир моро зарур аст, ки баробари шукргузориҳо аз Ватани аҷдодиву давлати соҳибистиқлоламон азму талошҳои худро ба таҳкими минбаъдаи ваҳдати миллӣ ва ягонагии миллат равона карда, ободии имрӯзу фардои кишварро таъмин намоем. Нагузорем, ки андешаҳои бегонапарастӣ ва ҷодуиандозӣ ба тафаккури мардуми мо, бахусус ҷавонон роҳ ёбад.

Сулҳу оромие, ки дар кишвари мо фароҳам омадааст, сарвати бебаҳо ва бузургтарин дастоварди халқамон буда, эҳтиёт ва ҳифз намудани он қарзи муқаддаси ҳар як шаҳрванди ватандӯст мебошад.

Дар ин давраи пойдории сулҳу оромӣ дар кишвар, мардуми шарифи тоҷик тавонист, ки бо меҳнати аҳлона, бо корҳои созандагию бунёдкории худ ба пешрафти иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангӣ ноил гардад.

Баргузории чорабиниҳо ва идҳои миллӣ дар баланд бардоштани ҳисси худшиносӣ ва ватандӯстии мардум, ободу зебо гардонидани симои шаҳру ноҳия ва деҳоти кишвар саҳми босазо гузоштанд.

Корҳои созандагию бунёдкорӣ, дастоварду пешравиҳои имрӯзаи мардуми шарифи тоҷик ҳиссиёту масъулияти баланди худшиносию ватандӯстӣ бори дигар аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки мо бо роҳи дуруст равонем ва бовари комил дорем, ки бо роҳи ҳидоятнамудаи Раиси муаззами ҲХДТ, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон якдилона меҳнат намуда, ба мақсади наҷиб, ободию шукуфоии Ватани азизамон ҳоҳем расид.

Вазифаи муқаддаси мо, аъзоён ва ҷонибдорони Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар ин давраҳои ҳассоси таърихӣ аз он иборат аст,ки насли ҷавони имрӯзаро дар руҳияи баланди ватандӯстию хештаншиносӣ тарбия намуда, сулҳу ваҳдат, ягонагӣ ва якпорчагии Ватани азизамонро чун гаҳвараки чашм ҳифз намоем ва рушди босуръати иқтисодиётро таъмин созем.

Бо ин ниятҳои нек, ҳамаи аъзоёну ҷонибдорони ҲХДТ, дар симои онҳо тамоми мардуми шарифи Тоҷикистони азизро бо фарорасии 22-юмин солгарди Рӯзи Ваҳдати миллӣ табрику муборакбод намуда, ба ҳамагон сиҳатмандӣ, сарбаландӣ, хонаободӣ, комёбию муваффақият ва рӯзгори неку осуда орзу менамоям.

**Сафарбек Розиқов, муовини раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Қубодиён**

# Лолаи худрӯй

**(ба ифтихори Рӯзи Шашмақом)**



***Ман лолаи худрӯям,
Хушбӯяму хушрӯям.
Дар дашт макон дорам,
Ҳамфитрати оҳуям.***

Ин мисраҳои шеърирро метавон дар васфи яке аз бонувони ҳунар, ки воқеан тамоми ҳастияшро вақфи санъати овозхонӣ карда ва умри хешро сарфи он намудааст,борҳо ба такрор зам-зама кард. Апаи Ҳанифа дар ҳақиқат ҳам лолаи худрӯй ҳастанд,ки дар гулзори савту навои классикӣ рӯидаву рушду нумӯ карда ва бо истеъдод ва маҳорати фитрии худ дили бинандаву шунавандаро мусаххар намудаанд. Ҳанифа Абдураҳимова 24 майи соли 1963 дар деҳаи Бештемур ( ҳозира Бобоҷон Ғаффуров)-и ноҳияи Қубодиён ба дунё омадааст. Вай соли 1979 мактаби миёнаи № 19-ро хатм карда,ҳанӯз дар солҳои мактабхониаш дилбастаи ҳунари овозхонӣ, бахусус,мусиқии классикӣ буд. Аз ин ҷост,ки вақте дар синфи 7-ум мехонд аллакай дар чорабиниҳои фарҳангӣ иштирок намуда, дар саҳнаҳо баромад мекард. Номбурда баъди хатми мактаби миёна ба шӯъбаи фарҳанги ноҳияи Қубодиён ба кор омада, тули солҳои зиёд ҳамчун овозхони сурудҳои халқӣ, бахусус, "Шашмақом" фаъолият кардааст. Апаи Ҳанифа қариб ба тамоми шаҳру ноҳияҳои кишвари азизамон сафарҳои ҳунарӣ карда, бо истеъдоди нотакрори худ дили ҳазорон мухлисонашро ба шӯр овардааст. Хизматҳои шоёнашро ба назар гирифта соли 2001 бо унвони фахрии "Аълочии фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон" сарфароз гаштааст.Оиди хислатҳои ин зани наҷиб ва хизматҳои вай дар ҷодаи санъат аз забони ҳамкорону дӯстонаш ва ҳама касоне, ки ӯро мешиносанд танҳо аҳсану офарин ва таърифу тавсиф бармеоянд. Чуноне ки муҳаққик ва нависандаи шинохта Қуввати Дод дар суҳбат бо мо иброз доштанд: -"Агар гӯем, ки Ҳанифа Абдураҳимова яке аз беҳтарин шашмақомхони вилояти Хатлон буд ва ҳаст, хато намекунем."Албатта, ин баҳои баланд аст аз тарафи як нафар шахсияте,ки солҳои зиёд дар шӯъбаи фарҳанги ноҳияи Қубодиён ҳамчун роҳбар фаъолият намудааст.

Бояд зикр намуд,ки "Шашмақом" ин маҷмӯи мукаммали оҳангу таронаҳои халқи тоҷик аст,ки дар низоми ягонаи шаклбандӣ ва зарбу лаҳн мураттаб шудаанд. Силсилаи мақомҳо,ки то замони мо омада расидаанд таърихи зиёда аз ҳазорсола дошта бо номҳои "Бузрук", "Рост", "Наво", Дугоҳ", "Сегоҳ" ва "Ироқ" машҳуранд. Санъати мақомхонӣ ҳанӯз аз замони давлатдории Сосониён (асрҳои 3-7) рушд ёфта, бахусус,дар давраи ҳукмронии Хусрави Парвиз (590-628) ба он аҳамияти калон дода мешуд. Аз ин ҷост,ки дар ин давра сарояндагон,ромишгарон ва донандагони машҳури ин санъат мисли Борбади Марвазӣ, Саркаш, Накисои Чангӣ, Озодвори Чангӣ, Ромтини Чангӣ ва дигарон рӯи кор омада, бо ҳунар ва истеъдоди волои худ пойдевори бинои азими "Шашмақом"-ро асос гузоштаанд. Ҳамин тариқ ин санъати асил ҳаводиси бисёри таърихиро аз сар гузаронида тадриҷан то ба имрӯз омада расидааст,ки алҳол боиси фахри ҳар як тоҷик ва умуман кулли форсизабонҳои дунё мебошад. Дар кишвари азизамон низ,махсусан,баъди ба даст овардани Истиқлолият ба он аҳамияти ҷиддӣ дода мешавад. Чунончӣ, соли 2000-ум панҷоҳсолагии таъсисёбии Ансамбли давлатии "Шашмақом" ҷашн гирифта шуд ва ба он бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мақоми давлатӣ дода шуда,минбаъд "Ансамбли давлатии "Шашмақом"-и ба номи Фазлиддин Шаҳобов" номгузорӣ гардид. Бо пешниҳоди ҷумҳуриҳои Тоҷикистону Ӯзбекистон соли 2003 "Шашмақом" ҳамчун шоҳкории мероси фарҳанги ғайримоддӣ ба феҳрасти шоҳасарҳои созмони байналмилалии ЮНЕСКО ворид карда шуд. Аз соли 2002-юм ҳамасола 12 май ҳамчун "Рӯзи Шашмақом" дар сар то сари Ватани азизамон таҷлил карда мешавад. Ба ин муносибат ҳайати эҷодии нашрияи ноҳиявии "Тахти Қубод" кулли кормандони бахши фарҳанг ва ҳаводорони ин санъати асилро табрику таҳният гуфта, барояшон равнақи эҷодӣ,барору комёбӣ ва тенҷии рӯзгору осудагии аҳволро таманно мекунанд.

**Маҳмудҷони Абдулаҳад
"Тахти Қубод"**

# Коррупсия - зуҳуроти номатлуб

**Пеш аз он ки дар бораи коррупсия ҳамчун омили номатлуби ҷомеа сухан мерронем аз назари ҳуқуқӣ бояд донем, ки мафҳуми Коррупсия худаш чист. Коррупсия –ин мафҳум дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мубориза бо коррупсия” пешбинӣ шудааст, ки тибқи он коррупсия – кирдоре (ҳаракат ё беҳаракатие), ки шахсони ба иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколатдор ё шахсони ба онҳо баробаркардашуда бо истифода аз мақоми худ ва имкониятҳои он барои ба манфиати худ ё шахсони дигар ғайриқонунӣ ба даст овардани неъматҳои моддию ғайримоддӣ, бартарият ва имтиёзҳои дигар содир менамоянд, инчунин ба ин шахсон ваъда додан, таклиф ё пешкаш намудани ин гуна неъмату бартарият ва имтиёзҳои дигар бо мақсади моилкунӣ ё қадр кардани онҳо барои содир намудани чунин кирдоро (ҳаракат ё беҳаракатӣ) ба манфиати шахсони воқеӣ ё ҳуқуқӣ мебошанд;**

Дар воқеъ коррупсия зуҳуроти номатлубӣ ҷомеа шумурда мешавад,ки он пояи давлатдориро суст мегардонад ва билохира боиси паст гардидани сатҳи зиндагии мардум мегардад. Ҳангоми содир гардидани кирдорҳои коррупсионӣ муносибатҳои ҷамъиятӣ вайрон гардида, тавозуни он аз байн меравад. Мутаасифона имрӯзҳо ҳолатҳоеро рӯ ба рӯ мегардем, ки дар ин самт шахсони ба иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколатдор амалҳои коррупсионӣ содир менамоянд, ки ин яке аз монеаҳои асосӣ баҳри муваффақона амалӣ намудани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мегардад.

Қайд намудан ба маврид аст, ки имрӯзҳо давлату Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пайваста баҳри паст намудани шиддати коррупсия дар кишварамон тадбирҳои амалӣ ва судманд андешида, баҳри иҷрои он якчанд санадҳои меъёри –ҳуқуқӣ ва дар асоси он барномаҳои давлатӣ қабул намудааст. Яке аз ин барномаҳои давлатӣ “Стратегияи муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2020” буда, тибқи он тамоми ташкилоту идораҳои давлатӣ муваззаф гардидаанд, ки ҷиҳати иҷроиши бандҳои Нақшачорабиниҳои Стратегияи зикршуда тамоми чораҳои лозимаро андешида, баҳри пешгирӣ намудани ҷиноятҳои характери коррупсионӣ дошта, оқибатҳои зарарноки он, ҳамчунин паст намудани шиддати коррупсия ва аз байн бурдани сабабу шароитҳои ба коррупсия мусоидаткунанда дар якҷоягӣ бо мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ фаъолияти худро ба роҳ монанд.

Дар воқеъ, ҷиҳати паст кардани сатҳи коррупсия ва муборизаи беамон бурдан ба он фаъолияти танҳо як мақомот кофӣ нест, зеро танҳо дар сурати муборизаи дастаҷамъона метавонем, ки ба натиҷаҳои назаррас ноил гардем. Чи тавре, ки Асосугузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёмашон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 22 декабри соли 2016 қайд намуданд, “ Фаромӯш набояд кард, ки мубориза ба муқобили коррупсия фақат вазифаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ нест. Дар ин мубориза тамоми аҳли ҷомеаи шаҳрвандӣ низ бояд бетараф набошад танҳо дар ҳамин сурат мо метавонем, ки сатҳи коррупсияро дар мамлакат коҳиш диҳем.”

Вокеан ҳам моро зарур аст, ҳамчун як фарди бо нангу ори кишвар, суханони Президенти кишвари маҳбубамонро сармашқи кори хеш қарор дода, бо дарки баланди масъулияти Ватандорӣ ба ин зуҳуроти номатлуб- коррупсия муборизаи беамон барем.

**Муминова М.Ш,
ҳуқуқшиноси бюрои давлатии
ҳуқуқӣ дар ноҳияи Қубодиён**

# ДОМАНА-ТИФИ ШИКАМ

**Домана-бемории шадиди сирояткунандаи рудаи борик буда, фақат хоси инсон аст. Барангезандаи беморӣ-чубгани тифи шикам мебошад. Ангезаи беморӣ дар муҳити ғизоии муқаррарӣ нағз афзоиш менамояд.Ангезаи беморӣ дар муҳити беруна нисбатан пурбардошт мебошад.Дар наҷосат то 25 рӯз, дар либосҳои таҳпӯш то 2 ҳафта,дар оби истода то як моҳ, дар оби равон то 2 ҳафта ва дар меваҷоту сабзавотҳо то 10 рӯз маҳфуз мемонанд.Ҳангоми ҷӯш омадан зуд маҳв мешаванд. Манбаи сироятӣ-шахси бемор ё пештар касалбуда (дорандаи микроби домана) аст.**



Шахси бемор тавассути наҷосат,пешоб,оби даҳон ва қай микроб ҷудо мекунад.Микробҳо бештар дар айни авҷи беморӣ ихроҷ мегарданд.Дар мавриди сари вақт дар беморхона бистарӣ кардани беморон хавфи паҳншавии сироят кам хоҳад шуд. Хусусан бемороне,ки мубталои шаклҳои нисбатан сабуки домана гаштаанд,хавфнок мебошанд.Онҳо бемории худро пайхас накарда дар вақташ муолиҷа намегиранд ва ҳамин тавр ангезаи доманаро муддати зиёд паҳн менамоянд.Чунин шахсонро то 3 моҳ ва ҳатто то 1 сол ангезаҳои доманаро паҳн карданаш мумкин аст.Чунин шахсонро бактериохомисони музмин меноманд. Ба хусус он одамоне,ки дар муассисаҳои хӯроки умумӣ ва кӯдакистонҳо кор мекунанд хавфи бештар доранд.

Роҳҳои интиқоли сироят гуногунанд. Бактерияҳо бо одамони солим бо воситаи об, хӯроквoрӣ, дасти ифлос, асбобу анҷоми рӯзгор ва магас мегузаранд.

Дар паҳншавии ин беморӣ мақоми об басо калон аст. Аз ин рӯ ҳангоми наздик будани партовҳо ва ҳоҷатхонаҳо бар манбаи оби нӯшокӣ об ифлос шуда боиси сар задании бемории домана мегардад.

Роҳи дигари гузариши ин беморӣ-«аз даст ба даст»вақте, ки қоидаҳои оддитарини санитариро риоя немекунанд (шустани даст баъди қазои ҳоҷат ва пеш аз хӯрокхурӣ).Пашшаҳо низ паҳнкунандагони ин беморӣ мебошанд.Онҳо ба ахлотҷойҳо ва ҳоҷатхонаҳо нишаста дар пойҳои худ он ифлосиҳоро ба маводи хӯрока меоранд ва онро сироят мекунанд.Ҳангоми истеъмоли маводи сирояткунанда, шахс метавонад ба бемории домана гирифтор шавад.

Нишонаҳои домана –баъди 7-21 рӯзи воридшавии микробҳои домана ба организми одамони солим нишонаҳои беморӣ пайдо мешавад.Дар ҳолатҳои муқарарӣ беморӣ тадриҷан оғоз меёбад, ки баъзан рӯзи аввалинро муаян намудан душвор аст. Беморон аз сустиву беҳолӣ, хастагӣ, бемадорӣ ва сардард шикоят мекунанд. Дар рӯзҳои наздик ин аломатҳо пурзӯр, ҳарорати бадан ба тадриҷ баланд мегардад, рӯзҳои 4-5 ба 39-40 градус мерасад,иштиҳо кам,хоб номураттаб, бемор рӯз хоболуд шуда, шаб бехобӣ мекашад, қазои ҳоҷат ба таъхир меафтад, шикам дамиш мекунад.Дар забони бемор пардаи хокистарранг пайдо мешавад.Дар рӯзҳои 8-10 дар пӯсти бадани бемор доначаҳои сурхчатоб пайдо мешавад.Ҳангоми дар худ ва наздиконатон мушоҳида намудани якчанд аз ин нишонаҳо ҳатман ба духтур муроҷиат намоед !

Оқибатҳои домана бисёр хатарнок аст.

Домана метавонад вазнин ё сабук гузарад,вале ҳатто шакли сабуки он ҳам ба оқибатҳои вазнин, мисли хунравӣ ва рахнашавии рӯда оварда мерасонад,ки аксар вақт боиси марги инсон мегардад!

Пешгирии домана- безараргардонии манбаъи сироят, бартараф сохтани роҳҳои сироятёбӣ, баландбардоштани масунияти организм, ҳамчунин шустушӯи даст ҳангоми хурокхӯрӣ, баъди қазои ҳоҷат бо собун покиза дастонро шустан ва риоя кардан ба қоидаҳои гигенаи шахсӣ аҳамияти калон дорад,оби ҷӯшонидашударо нушидан,меваю сабзавотро бо оби ҷушонидашуда шуста бояд истифода баред,косаву табақро пеш аз истифода бо оби ҷушонидашуда обгардон кунед, пашшаҳоро нест кунед,ки онҳо паҳнкунандаи беморӣ ҳастанд.

Имрӯз рафтори шумо нисбати саломатиатон - ин ба ояндаи солими шумо вобастагӣ дорад.

**Саидов Мамарасул ,
духтури дараҷаи олӣ,
сироятшинос**

## Сӯгворӣ

**(барои дӯсти ҷавонмаргам Остон)**

*Дар айни ҷавонӣ рафт Остон, афсӯс,
Тарк гуфт кунун ин ёру дӯстон, афсӯс.
Хуноба чакид ба ҷойи ашк аз дида,
Пажмурда бишуд гуле зи бӯстон, афсӯс.*

*Эй чарх, дигар шеваи мотам то кай?
Андуҳи ғами ду чашми пурнам то кай?*

*Аз рафтани ту дили ҳазорон алам аст,
Киштии нишот ғарқа ба гирдоби ғам аст.
Халқе ҳама гирён дар мотами ту,
Гар даҳр бигирят зи ғамат боз кам аст.*

*Эй чарх, дигар шеваи мотам то кай?
Андуҳу ғаму ду чашми пурнам то кай?*

*Ҳар гул, ки шукуфт андар ин боғу чаман,
Ҳар лола, ки сар кашид дар дашту даман.
Ҳайфо, ки дигар боди хазонаш бирабуд,
Аз дасти аҷал чок бишуд сад пираҳан.*

*Эй чарх, дигар шеваи мотам то кай?
Андуҳу ғаму ду чашми пурнам то кай?*

*Дардо, ки ҷаҳон вафо надорад ба касе,
Ранҷу ғами ӯ бубин дар ҳар нафасе.
Танҳо ба хаёли дӯст бояд буданат,
Дар ҳарду ҷаҳон нест ҷуз ӯ додрасе.*

*Эй чарх, дигар шеваи мотам то кай?
Андуҳу ғаму ду чашми пурнам то кай?*

**Маҳмудҷони Абдулаҳад
"Тахти Қубод"**

## ТОҶИКИСТОН ВАТАНАМ

*Тоҷикистон Ватанам,
Роҳату ҷону танам.
Кӯҳҳои ту баланд,
Посбони ту манам.
Ватани сулҳовар,
